Тасдиқ мекунам:
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________________ Хайрзода Ш. Қ.
«___» _________ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи "Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст: Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла ба банди: 1- Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ – моҳият, сохтор, вазифа ва принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ; банди 4- Сифати ташкили чорабиниҳои иҷимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Бо мақсади баланд бардоштани маърифати оиладории ҷавонон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон соли 2015- ро соли оила эълон намуд. Воқеан ободии Ватан аз ободии ҳар як хонадону оила ва ободии хонадон аз фаросату маърифати оиладории волидон сарчашма мегирад. Зеро оилаи солиму хушбахт ва маърифати хонаводагии падару модар дар оила асоси тарбияи фарзанд ба ҳисоб рафта, дар асоси дониш, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавӣ ташаккул меёбад. Омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ вазифаи муҳимми оила ва ҷамъият мебошад.

Тавре маълум аст, эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди мустақилонаи минбаъдаи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд овард. Дар марҳилаи аввали ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд дар баробари иҷрои вазифаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ тағйири вазъи инсон дар сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ ногузир мегардад, ки дар навбати аввал ба оила чун рукни иҷтимоӣ ва асосии ҷомеа дахл дорад. Аз ҳамин лиҳоз, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 33) таъкид месозад, ки оила асоси ҷомеа буда, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад.

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки оилаи тоҷик сол то сол дар ҷараёни ташаккулёбист, зеро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои солимгардонии оилаи имрӯзаи тоҷик, махсусан оилаҳои ҷавонон қонун, санад ва қарорҳои махсуси зиёдеро ба имзо

расонидаанд, ки ба шарофати онҳо сатҳи устувории оилаҳо баланд шуда бошад ҳам, вале дар баробари ин мушкилот ва муаммоҳои ҳалталаб дар ин самт ҳоло мавҷуданд.

Вобаста ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ 20.01.2015 оид ба зарурати таълими фанни маърифати оиладорӣ дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ махсус таъкид карда, аз ҷумла қайд намудаанд: «Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошад, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад”.

Муҳимият ва мубрам будани мавзуи интихобнамудаи Неъматов Рамазон Ҳусниддинович “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ)” бо андешаҳои иброзгардида робита дошта, дар шароити имрӯзаи рушди бемайлони Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиму саривақтӣ мебошад. (саҳ. 4, 5)

Ба ҳамин хотир, дар назди татқиқотчиёни кишвар вазифаи асоси омӯзиши оилаи ҷавонон, арзишҳои оилавӣ дар шароити муосир, ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ ва объекти ҷараёни иҷтимоӣ - сиёсии ҷомеаи нави Тоҷикистон меистад. Қайд кардан зарур аст, ки омӯзиши масъалаҳои мазкур то ҳол мавриди омӯзиш қарор доранд ва мавқеи ҷавонони донишҷӯ дар оила ва ҷомеаи пешрафтаи кишвар чун яке аз масъалаҳои пурра наомӯхташуда ба ҳисоб меравад.

Бо шарофати  ин ҳама чораандешиҳо барои пешгирии вайроншавии оилаҳо, махсусан оилаи ҷавонон аз тарафи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи устувории оилаҳо баланд шуда бошад ҳам, вале дар баробари ин мушкилот ва муаммоҳои ҳалталаб дар ин самт ҳоло ҳам мавҷуд мебошанд.

Дар замони дигаргуниҳои глобалие, ки тамоми башарияти сайёра, аз ҷумла мардуми кишвари моро низ фаро гирифтааст, масъалаи омода намудани насли наврас барои бунёди оила, иҷрои муваффақонаи мақоми баланди волидайн будан ва ташаккул бахшидани арзишҳои хонаводагӣ дар ниҳоди ворисон, аҳамияти аввалиндараҷа касб мекунад. Дар масъалаи ташаккул бахшидани арзишҳои оилавӣ дар ботини  донишҷӯён, ки дар оғози худмуайянкунии ҳаётӣ қарор гирифтаанд, мавқеи махсус доранд. Зеро, муҳимтарин ва пурарзиштарин бозёфти иҷтимоию психологии ҷавонон кашф карда тавонистани ҷаҳони ботинии худ, таҷрибаомӯзӣ ва арзишҳои ҳаётан муҳим, муносибати оқилонаю дурандешона бо атрофиён, бо пайвандон ва ниҳоят бо шахсияти худашон маҳсуб мешавад. (саҳ. 6)

Ҳамин тавр, муаллиф қайд мекунад ки айни замон дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳифзу ҳимояи расму оинҳои аҷдодӣ ва миллӣ, дигаргун сохтани муносибат ба оила, таъмин намудани устувории бардавоми он ва эътирофи оила ба ҳайси арзиши иҷтимоӣ ва шахсӣ дар маркази диққат қарор гирифтааст. Мо итминони комил дорем, ки заминаҳои мустаҳкам ва эътимодбахши оилаҳо маҳз дар ҷавонӣ, яъне, аз ҷумла дар даврони оиладории  донишҷӯён бунёд карда мешаванд. (саҳ. 7)

**Навгониҳои илмии таҳқиқот тавассути саҳми он дар коркарду таҳияи асосҳои психологӣ ва педагогии ташаккули тамоюли арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ муайян карда мешавад:**

1. Мафҳуми “арзиши оилавӣ” ҳамчун дараҷаи илмӣ- педагогӣ дақиқ гардонида, хислатҳои хоси он муайян карда шуд.

2. Дараҷаи ташаккулпазирии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии он ошкор карда шудаанд.

3. Амсилаи (модели) ташаккулёбии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди донишҷӯён, таъминоти мундариҷавии он коркард гардид.

4. Шароитҳои психологӣ ва педагогии таъминкунандаи ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ дар вазъи имрӯзаи рушди ҷомеа, аз ҷумла дар муҳити таълимгоҳҳо муқаррар карда шудаанд.

**Аз тарафи муҳақиқ мулоҳизаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:**

1.“Арзишҳои оилавӣ” ҳамчун мафҳуми сермаъное баррасӣ карда мешавад, ки принсипи умумӣ нисбат ба амсилаҳои (моделҳои) рафтори инсон дар чаҳорчӯбаи фарҳанг ва ё ҷомеаи муайян тавассути раванди иҷтимоишавӣ, ки ба ақидаи фард оила дар давоми умри ӯ мусоидат менамояд. Даркнамоии арзиши оила аз тарафи ҷавонон, аз ҷумла ҷавонони донишҷӯ ба муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни онҳо вобастагӣ дорад, масъулиятшинос будан дар масъалаҳои оилавӣ, худро аъзои ҳақиқии оила эҳсос намудан ва ғайра.

2.Асосҳои методологии муқаррар намудани моҳият ва мундариҷаи мафҳуми “оила” дар муносибатҳои зерин: интегративӣ, функсионалӣ, системавӣ- сохторӣ, фаъолиятнокӣ зоҳир гардида буданд. Бо такя ба муносибати мазкур, дар илми педагогӣ имконият фароҳам меояд, ки оила ҳамчун зуҳуроти арзишманди иҷтимоӣ баррасӣ ва дар ҷамъияти рушдкунанда тасаввур шуда, айни замон нисбат ба оила ҳамчун арзиши субъективӣ (шахсиятӣ) муносибат карда шавад.

3.Меъёрҳои ташаккулпазирии арзишҳои оила дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ нишондиҳандаҳои зеринро фаро мегирад: идеологӣ (ташаккули шуури ахлоқӣ; дарк намудани арзиши оила; нигоҳдорӣ ва давом додани урфу одатҳои оила), маърифатӣ-тарбиявӣ (омӯхтани донишҳои нав оиди муносибатҳои оиладорӣ, ташаккули нақшҳои иҷтимоии волидон ва ҳамсарон) ва фаъолиятӣ (доро будани малакаҳои иқдисодӣ ва хоҷагидорӣ, ки дар зиндагии минбаъда заруранд).

4.Амсилаи (модели) ташаккулпазирии арзиши оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ ба дастгирии раванди мазкур тавассути унсурҳои муҳити иҷтимоӣ асос ёфтааст ва дар шакли системаи мукаммалу бонизоми педагогӣ зоҳир мешавад.

5.Барои дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ самаранок ташаккул додани арзиши оилавӣ гурӯҳи зерини шароитҳои педагогиро амалӣ намудан зарур мебошад: - шароитҳои ба ташаккули асосҳои ҷаҳонбинӣ равонашуда, ки ба ҷавонон ҷиҳати дарки оила ҳамчун муҳимтарин арзиши инсонӣ барои шахсияти алоҳида ва ҷомеа дар томӣ мусоидат намоянд; - шароитҳои асосҳои тарбиявӣ- маърифатиро фарогиранда; - шароитҳои ба асосҳои фаъолиятӣ такякунанда, ки дар онҳо таъсири байниҳамдигарии ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ, муассисаҳои таълимӣ ва оила барои ҷавононро ҳарчӣ бештар ба фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ фаро гирифтани ҷавонон мусоидат мекарда бошанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**. Маводҳои дар ҷараёни таҳқиқот ба дастовардашуда муносибатҳои мавҷудаи илмҳои муосири педагогиро ба ташаккули арзишҳои оила дар ҷавонони донишҷӯ пурра мегардонад. Онҳо тасаввуротҳоро дар бораи “арзишҳои оилавӣ”, хусусиятҳои махсуси он бой гардонида, донишҳоро оид ба

талаботҳои педагогӣ, ки бевосита ба ҷараёни ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонони донишҷӯ дар раванди таълими мактаби олӣ таъсиррасонанд, васеъ мегардонад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Маводҳои таҳқиқ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳӣ инъикоси худро дарёфтаанд, ки ба воситаи он дар теъдоди бештарини ҷавонони пурсидашуда шавқу рағбат ба масоили оила, никоҳ ва падару модарӣ баръало афзун гардида, ба он мусоидат кард, ки онҳо ба оила ба ҳайси маҳз арзиши иҷтимоӣ ва маҳрамона (шахсиятӣ) тавонанд баҳогузорӣ намоянд.

Натиҷа ва маводҳои таҳқиқ ҳангоми коркарду таҳияи барномаҳо дар системаи корҳои мактабҳои олӣ бо оилаҳои донишҷӯён, инчунин, дар тарғибу ташвиқи арзишҳои оилавӣ байни ҷавонони донишҷӯ метавонад самаранок истифода гардад.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамоянд: хулосаҳои таҳқиқот дар заминаи такя намудан ба дастовардҳои илмҳои педагогӣ ва равоншиносии муосир, истифодаи комплексии усулҳои азхудкунии маводи ҷавобгӯй ба мақсад, вазифа ва фарзияҳои таҳқиқот, эътимоднокии ҳаҷми интихоб, боварибахшии услубҳои истифодагардида, мутаносибии нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ, натиҷаи озмоиши корҳои анҷомдодаи қисмати амалии рисола.

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маърӯзаҳо, дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ ва донишгоҳӣ, семинарҳо, инчунин гузоришҳо дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (солҳои 2018- 2023) ифода ёфтаанд. Доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 9 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Рисолаи илмии унвонҷӯ аз муқаддима, ду боб, 5 зербоб, хулоса, рӯихати адабиёти истифодашуда бо 164 номгӯ ва замимаҳо иборат буда, 172 саҳифаи чопиро дар бар мегирад, аз 7 ҷадвал, 6 расм ва диаграмма иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назариявию амалии рисола, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст муаян карда шудаанд.

Дар боби якум – **"Асосҳои назариявии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ ва психологӣ- педагогӣ"** ном гирифта, дар он масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ ва иҷтимоӣ ба ҳайси муносибатҳои шахсият, ҳамчун фарогири донишҳои нав оиди муносибатҳои оиладорӣ, арзишҳо, идеалҳои ҷамъиятӣ ва принсипҳои этикӣ ва гуманистӣ таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар илми педагогика яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти имрӯзаи ҷомеа бунёди оилаи нав, аз ҷумла оилаҳои донишҷӯён ба шумор меравад, ки ҳалли дурусти он ба тарзи ҳаёт ва рафти инкишофи худи инсон низ вобаста аст. Мусаллам аст, ки ҷавонон дар ташкили оилаи худ мустақиланд, аммо ҷомеа ва давлат ҳеҷ гоҳ нисбат ба ин масъала бояд бетарафу бетафовут набуда, балки дар хушбахтиву пойдории он ҳамеша манфиатдор мебошанд.

Боби дуюми таҳқиқот **“Мундариҷаи раванди ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ”** аз ду зербоб иборат аст. Боби мазкур дар ҳамбастагии масъалаи мавриди таҳқиқи мо ба масъалаҳои коркарди меъёр, нишондиҳандаҳо ва дар асоси онҳо ҷудо намудани дараҷаи ташаккулпазирии тамоюли арзишҳои оила дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ, бахшида шудааст.

Муаллиф дар ин фасл тазаккур медиҳад, ки дар худи маънои умумӣ оид ба аҳамияти оила дар шуури ҷамъиятӣ ба он ҳам баҳо додан мумкин аст, ки дар байни дигар муҳимтарин арзишҳо барои инсоният, аз қабили кор, дӯстон, вақти холӣ, сиёсат, дин ва ғайра ба оила чӣ гуна мақоме муносиб дониста мешавад.

Дар умум, дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия ва автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасавуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гӯзаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Аз нуқтаи назари мо, рисолаи илмии Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”), таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар педагогикаи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда, дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба муаллиф дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

1. Хуб мешуд муҳақиқ дар рисолаи илмии худ ба масъалаи омода будан ва набудани ҷавонон барои оила барпо кардан шарҳи худро меёфт, чун ки айни ҳол ба ин масъала дар адабиёти илмии ватани ва хориҷи кам аҳамият дода шудааст.
2. Барои хубтар кардани кори илмӣ аз таҷрибаи давлатҳои ҳамфарҳанг тавсияҳо пешниҳод мегардид ба мақсад мувофиқ мешуд.
3. Дар матни автореферати кор ва рисолаи илмӣ баъзе нуқсониҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси рисолаи илмии Неъматов Рамазон Ҳусниддиновичро дар мавзуи “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ)” халалдор намекунанд. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ)” ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзадӣ илм ва доктори илм, авторефератҳо ва

мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи коршинос, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент Гулзода Наҷиба А. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Неъматов Рамазон Ҳуснидинович иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи семинари илмӣ-назариявии кафедра 14 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намудаанд.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "тарафдор" 14- нафар, "бетараф" 0 "муқобил" 0, (қарори ҷаласаи семинари илмӣ-методии кафедраи педагогика ва психология аз 2. 02. 2024, № 7).

Раиси ҷаласаи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои
педагогӣ, и.в. дотсент Ғафурова Д.Ҷ.

Коршиноси таҳқиқоти диссертатсионӣ,
и.в.дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои педагогӣ Гулзода Н.А.

Котиби ҷаласаи семинари илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Набиев Ҷ.Ғ.

Маълумот барои тамос: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 8331122 -28-06,
E.mail: dddangara_2013@mail.ru.

Имзои Д.Ҷ. Ғафурова, Н.А. Гулзода,
Ҷ.Ғ. Набиевро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "ДДД" ______________ Тоирзода С.Т.

«02» ___02___ соли 2024